# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст.

1. Мавзуи кори диссертатсионии Мирзоев С.М., ки таҳқиқи хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёнаро ҳамчун вазифаи муҳим ва рӯзмарра қарор додааст, дар шароити ҳозира мубрам ва пурарзиш ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар низоми муосири донишҳои сиёсӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои мушаххасан муайян кардани сиёсати экологӣ ва хусусиятҳои он дар шароити кишварҳои Осиёи Миёна мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба сиёсати экологӣ ҳамчун навъи махсуси сиёсати соҳавӣ ва самтгириҳои инкишофи соҳаи мазкури муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳалли масъалаҳои марбути он пайвасти қавӣ ва доимӣ доранд. Кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми

ноябри соли 2021, тахти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, тахти №5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**4.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 маърӯза дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита пайвастанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев С.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

**6.** Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мирзоев С.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ)

дар Шурои дессертатсионии 6D.КОА-001–и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф
- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Қувватзода Сайдулло Зувайд.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:

Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Саидов Ҳ.

Аъзои комиссия:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Азиззода У.А

доктори илмҳои фалсафа, профессор Комилов Р.С.